**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ҚАРОР**

аз 8 сентябри соли 2025 № 476

**ш. Душанбе**

Дар бораи тасдиқ намудани меъёрҳои хироҷҳо барои анҷом додани амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим ва пардохтҳо барои додани иҷозат ҷиҳати истифодаи захираҳои табиӣ ё захираҳои дигари мавҷуда

Мутобиқи моддаҳои 9, 12, 15, 19, 22, 25, 29, $29^{1}$, 33, 37, 39, 43, 45, 53, 59, 62, $63^{3}$, $63^{14}$, $63^{24}$, $68^{28}$, 67, 71, 75, 78 ва 81 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р  м е к у н а д:

1. Меъёрҳои хироҷҳо барои анҷом додани амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим ва пардохтҳо барои додани иҷозат ҷиҳати истифодаи захираҳои табиӣ ё захираҳои дигари мавҷуда тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1-23).

2. Пардохти хироҷҳо ва пардохтҳои тибқи қарори мазкур муқарраргардида тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад.

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2007, №546 «Дар бораи тасдиқ намудани меъёрҳои хироҷҳо барои анҷом додани амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим ва пардохтҳо барои додани иҷозат оид ба истифодаи захираҳои табиӣ ё дигар захираҳои мавҷуда» аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

Эмомалӣ Раҳмон

Замимаи 18
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 8 сентябри соли 2025, №476

## Меъёрҳои хироҷ барои бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо бо он

| Р/т | Номгӯйи амалҳо | Меъёри хироҷ (бо нишондиҳанда барои ҳисобҳо) |
|---|---|---|
| 1. | Бақайдгирии давлатии ҳуқуқи истифодабарии якумраи меросӣ, бемуҳлат ва муҳлатноки қитъаи замин | 5,0 |
| 2. | Бақайдгирии давлатии ҳуқуқи истифодабарии якумраи меросӣ, бемуҳлат ва муҳлатноки қитъаи замин бо ҳуқуқи бегонакунии он | 5,0 |
| 3. | Бақайдгирии давлатии иҷора ва иҷораи фаръии қитъаи замин ба муддати зиёда аз як сол | 3,0 |
| 4. | Бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба ниҳолҳои бисёрсола | 2,0 |
| 5. | Бақайдгирии давлатии ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ба молу мулки ғайриманқул | 4,0 |
| 6. | Бақайдгирии давлатии идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки ғайриманқул | 3,0 |
| 7. | Бақайдгирии давлатии ҳуқуқи идораи оперативӣ ба молу мулки ғайриманқул | 3,0 |
| 8. | Бақайдгирии давлатии ҳуқуқи моликият ба биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, иншоот, биноҳои ҷудогона | 4,0 |
| 9. | Бақайдгирии давлатии иҷора ба муҳлати зиёда аз як сол, иҷораи фаръӣ, бе подош истифодаи бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, иншоот, бинои ҷудогона | 2,0 |
| 10. | Бақайдгирии давлатии сервитутҳо: | |
| | - сервитути хусусӣ (ба розигӣ асосёфта) | 2,0 |
| | - сервитути оммавӣ (маҷбурӣ) | 5,0 |
| 11. | Бақайдгирии давлатии ипотека | 4,0 |
| 12. | Барои такроран гирифтани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ | 2,0 |